# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

***Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм.*** Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки сохтор, мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи диссертант Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ” ба бандҳои 3, 4, 5-уми шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

***Мубрамияти мавзуи диссертатсияи*** *унвонҷӯ* Саиднуриддинзода Аҳлиддин дар он ифода мегардад, ки воқеан мавзуи ватандӯстӣ аз аносири муҳими худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан бар арзишҳои олии кишвар буда, он аз ҷумлаи мавзуоти муҳими раванди таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Пажӯҳиши ин навъи масъалаҳо, пеш аз ҳама, вазифаи муҳаққиқону донишмандону олимон буда, татбиқу иҷроиши он масъулияти ҳар як шаҳрванд, махсусан вазифаи волидайн ва омӯзгорони макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва тамоми қишри ҷомеа ба шумор меравад. Имрӯз дар робита ба ин масъала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи вижа дорад. Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” аз ҷумлаи ин иқдомҳои созанда мебошад ва таҳияву тасдиқ ва татбиқи қонуни мазкур барои имрӯзу фардои кишвари азизамон аҳамияти муҳим дорад. Чунонки дар моддаи дуюми он таъкид мешавад, «ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди ҳар шаҳрванд бояд ташаккул ва тарбия

ёбад”. Яъне бояд ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, аз хурд то пиронсол барои рушди тарбияи ватандӯстӣ ва абадӣ пойдор мондани сулҳу ваҳдат дар ҷомеа ва истиқлолият дар Ватани азизамон саҳмгузор бошад. Зеро дар шароити кунунии ҷаҳони тағйирёбанда ҷавонони кишвари мо низ ҳамчун қисми осебпазир аз равандҳои бегонашавӣ эмин набуда, ба таълим ва тарбияи хулқи нек ва ҳисси ватандориву хештаншиносӣ беш аз пеш ниёз доранд ва дар ин замина тамоми шохаҳои ҳокимият дар баробари он эҳсоси масъулият мекунанд.

Аз ин рӯ, худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан ибораҳое мебошанд, ки дарки маънии он ва роҳу усулҳои татбиқи саривақтӣ дар ҳақиқат мавзуи таҳқиқталаб мебошад. Хулоса, баррасии масъалаи ватандӯстӣ тавассути унсурҳои гуногун ва роҳу равишҳои мухталифи фанниву тахассусӣ аз шеваҳои аксиологии таҳқиқи мавзуи мазкур ба шумор меравад.

Рисолаи илмии Саиднуриддинзода Аҳлиддин, ки бо унвони “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ  таълиф шудааст, дар асоси ҳамин мақсад таълиф гардида, аз як тараф баррасӣ, таҳлил ва роҳҳои иҷрошавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”-ро фароҳам оварад, аз тарафи дигар сабку усулҳои нави тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоиро тавассути таъриху кишваршиносӣ ва маълум намудани хусусиятҳои педагогии онро таҳқиқ намудааст. Зеро фаъолияти босамари омӯзгорон дар раванди таълиму тарбияи хонандагон, махсусан тарбияи ватандӯстии онҳо хеле таъсиргузор буда, ба бедории эҳсоси ватандӯстиву худшиносии миллӣ, парваридани муҳаббати самимӣ нисбат ба ин сарзамини аҷдодӣ ва ҳифзи хоки поку муқаддаси меҳан мусоидат мекунад. Ба ин хотир, тарбияи дурусти наврасону ҷавонони кишвар бо дар назар гирифтани

хусусиятҳои миллӣ аҳамияти хосса пайдо карда, мубрамияти интихоби мавзуро таъмин мекунад.

Диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро дар муқаддимаи рисола хуб, фаҳмо ва бо фарзияву нуктаҳои ҷолиб иброз намудааст.

Диссертант хуб таъкид кардааст, ки дар илми педагогика заминаҳои муайяни назариявӣ ба вуҷуд омадаанд, ки барои ҳалли масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар фаъолияти таърихӣ-кишваршиносӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Омӯзиши ҷанбаҳои фалсафӣ, психологию педагогии тарбияи ватандӯстӣ дар байни хонандагони синфҳои болоӣ ва мавқеъҳои идеологии он дар асарҳои таҳқиқотии муҳаққиқони ватаниву хориҷии соҳа мавриди баррасӣ ва пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки мавзуи интихобнамудаи диссертант Саиднуриддинзода Аҳлиддин дар марҳалаи ҳассоси замони муосир ниҳоят мубрам ва дорои арзиши бағоят муҳими назариявию амалӣ мебошад, ки натиҷаҳои он барои рушду густариши тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ нақши созанда дорад.

Аз ин нигоҳ, таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ фарогири масъалаҳои муҳими илми педагогикаи миллӣ мебошад, ки дар он тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ бо назардошти талаботи ҷаҳони муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардидааст.

Муҳаққиқ барои расидан ба ҳадафҳои пешгузоштаи илмии худ, қабл аз ҳама вазифаҳои таҳқиқро хуб муайян намудааст. Ӯ аз ҷумла, раванди зуҳур ва пайдоиши тарбияи ватандӯстии донишомӯзони синфҳои болоиро бо такя ба фанни таърихи диёр ва самтҳои рушди тараққии онро дар замони муосир дуруст муайян намуда, ҳамаҷониба баррасӣ ва таҳқиқ намудааст.

Ҳамчунин, бо такя ба таърихи меҳани аҷдодӣ муҳтаво ва мундариҷаи вежагиҳои тарбияти меҳандӯстии донишомӯзони синфҳои

болоиро муайн намуда, ҷиҳати боло бурдани худшиносӣ ва эҳсоси ватандустӣ ва меҳанпарастии хонандагон роҳу усулҳои тақвияту таҳкими равишҳои тарбияти меҳанпарасатиро дар фаъолиятҳои бериғаздарсӣ ва омӯзиши маконҳои таърихии маҳалли зисти донишомӯзону хонандагон нишон додааст.

Унвонҷӯ бо ин роҳ тавонистааст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш муаммо ва ихтилофоти муҳими вобаста ба мавзуи диссертатсияро ҳаллу фасл намуда, фарзияҳои дақиқ, ки барои ташаккули шахсияти рушдёфтаи хонандагони синфҳои болоӣ тавассути тарбияи ватандӯстӣ мусоидат мекунанд, муайян намудааст. Унвонҷӯ пешниҳод кардааст, ки барои тарбияи маънавии хонандагони синфҳои болоӣ ҳатман бояд роҳҳои муносибати нав таҳия ва татбиқ карда шаванд. Инчунин, ҳадафу муҳтавои тарбия ба ташаккули шаҳрванди ватандӯст тавассути таъриху кишваршиносӣ мутобиқ гардонида шавад ва аз омӯзгорон донистани ҷузъҳои таркибии ватандӯстӣ ва таъриху кишваршиносӣ ҳамешагӣ талаб карда шавад.

Диссертант дар қолаби нақшаву вазифаҳои муайяншуда, хулосаву натиҷаи ковишҳои илмӣ, тавассути озмоишҳои гузаронидашуда ва дар се марҳила ё худ давраҳои таҳқиқӣ ба анҷом расонидани таҳқиқоти хеш ба навгониҳои илмии назаррас ноил шудааст. Яъне муҳаққиқ, пеш аз ҳама, омилҳое, ки ҳамчун воситаи муҳими тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи маводи таъриху кишваршиносӣ мусоидат мекунанд, асоснок намудааст.

Инчунин, аз як тараф вазифа ва кори пурбору пурсамари муассисаҳои таълимӣ дар масири меҳанпарастӣ ва боло бурдани худшиносии хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни машғулиятҳои фориғаздарсиро муайян намуда, аз ҷониби дигар роҳҳои ҷалби донишомӯзону хонандагон ба корҳои донишандӯзӣ дар ҷараёни фарогирии таърихи маҳалли зисташонро пешниҳод намудааст.

Илова бар ин, дар ҷодаи сайёҳӣ, таърих, кишваршиносӣ ва музейҳо корҳои инфиродӣ ва муштараку дастаҷамъонаи эҷодии хонандагону донишомӯзони синфҳои болоӣ барои густариши эҳсоси ватанпарастӣ нақши муҳим доштанаш аз ҷониби муаллиф ба исбот расидааст.

Алоқамандии боровари ва самарбахшии ҷараёни тарбияти меҳанпарастӣ ва ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ба корҳои муштараки эҷодӣ, омӯзишӣ ва доир кардани корҳои тадқиқотӣ таҳқиқ ва коркард гардида, саҳми навиштани иншо, иҷрои тарҳҳои донишҷӯён оид ба таърих ва тамаддуни кишвар, кори муштараки донишҷӯёну омӯзгорон дар семинарҳо, омода намудан ва доир кардани мулоқоту суҳбатҳои хислати ватандӯстидошта муайян шудааст.

Ҷойи қайд аст, ки хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшудаи таҳқиқот имкон медиҳанд, ки имкониятҳои тарбиявии фаъолияти таърихию кишваршиносӣ баланд бардошта шуда, самтҳои минбаъдаи ҷустуҷӯйи воситаҳои муассири кори кишваршиносӣ бо мақсади тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун сифатҳои шахсӣ дар ҷомеа пешниҳод карда шаванд. Инчунин, дар мундариҷа ва усулҳои дар рисола барои корҳои дастаҷамъона ва мустақилонаи хонандагони синфҳои болоӣ (дар лоиҳа, ҷустуҷӯ, фаъолияти илмӣ ва ғ.), дар синфҳои ҳамгирошудаи таърих, осорхона, таърихи кишваршиносӣ ва рисола пешниҳодшудаи кори таҳқиқотӣ инъикос ёфтаанд. Ин нуктаҳо аҳамияти баланди назариявӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ менамоянд.

Гузашта аз ин, истифодаи дурусти маводи таъриху кишваршиносӣ дар ҷараёни кори тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ бо роҳу усулҳои санҷидашуда баррасӣ гардида, натиҷаҳои назаррас низ ба даст омадаанд, ки аз дараҷаи **эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** илмӣ хабар медиҳанд. Унвонҷӯ хулосаи мақсадро саҳеҳ ироа намуда, қайд кардааст, ки: “Зимни арзёбии масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ дар такя бо осори таъриху кишваршиносӣ моро ба натиҷае овард, ки дар ин самт осори арзишманди ниёгон,

анъанаву суннатҳои миллӣ, шарҳу тавзеҳи корнамоиҳои шахсони ватандӯст ва маърифати он ба шаклгирии шахсияти ҳамаҷонибаи замон мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар марҳилаи аввали раванди кори таълиму тарбия ба унсурҳои таъсиргузори тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ ва мусоидат карда шавад. Зеро замони муосир тақозо мекунад, ки омезишу шаклдиҳии амиқи зуҳуроти таъсиргузор дар кори тарбияи ватандӯстии хонандагон бо дарназардошти фарҳанги оламгир вусъат дода шавад".

Дар ин замина, метавон тасдиқ намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Саиднуриддинзода Аҳлиддин мубраму саривақтӣ буда, як навъ ҷавоб ба ниёзҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар мебошад. Натиҷагирӣ аз хулосаҳо ва тавсияву нишондиҳандаҳои озмоишҳо бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардаашро дар амал тасдиқ намудааст.

Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки навгониҳои илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд ва таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшударо собит месозанд.

**Н**атиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ гардидаанд ва дар амалияи фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ татбиқ карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро** метавон бо чанд нукта баён дошт. Аз ҷумла,

1. Дар кори диссертатсионии Саиднуриддинзода Аҳлиддин ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти

муқаррароти назариявии бунёдии илм ва таҷрибаи педагогӣ илман асоснок карда шудааст.

2. Заминаҳои назариявии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, тамоюлоти арзишӣ дар шароити дигаргуниҳои куллии иҷтимоӣ ва муносибатҳои гуногунҷанба дар фазои муосири таълимӣ коркард шудаанд;
3. Хусусиятҳои педагогӣ ва дидактикӣ, нақши технологияҳои иттилоотӣ-иртиботии муосир дар ҳалли масоили таҳқиқшаванда ошкор карда шудаанд;
4. Консепсия ва стратегияи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар заминаи таълими фанҳои таълимии силсилаи таърихӣ-ҷамъиятӣ коркард гардидаанд;
5. Мафҳумҳои «фарҳанги шаҳрвандӣ-ҳуқуқии хонанда», «ҳисси ватандӯстии хонандагон», «шаҳрванд-ватандӯст», ки ҳангоми тавсифи пойгоҳи илмӣ ва татбиқи проблематикаи таҳқиқшаванда зарур арзёбӣ мегарданд, васеъ карда шудаанд.

Ҳамчунин, кори таҳқиқӣ аз **аҳамияти амалӣ низ** бархурдор аст. Диссертант бо пешниҳоду тавсияҳо маълум намудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти гузаронидани таҳлили педагогӣ ва ташхиси сифати ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зарур аст ва барои баланд бардоштани сифати чорабиниҳои дар самти мазкур пешбинишуда тавсияҳои лозима манзур намудааст. Аз ҷумла, тавсия шудааст, ки:

1. Омӯзиши маводи кишваршиносӣ бояд натанҳо дар ҷанбаи миллӣ, балки дар тамоми ҷанбаҳо баррасӣ гардад;

2. Ҷараёни тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ набояд хусусияти миллатчигӣ ва ё маҳалгароӣ дошта бошад, балки алоқаҳои бисёрасраи халқиятҳои гуногуни дар кишвар маскунбуда ва робитаву ҳамкории фарҳангии ин халқҳоро низ қайд кардан зарур аст.

3. Муносибати яктарафаро ба тарбияи ватандӯстӣ, ки нигарониро танҳо ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ пешбинӣ карда, ба зарари ҷузъҳои боқимондаи таркибии он кор мекунанд, нораво шуморанд.

4. Дарсҳои амалӣ тайёрии мактаббачагонро ба навиштани иншову омода кардани баромадҳо доир ба мавзуъҳои дахлдор, машваратҳо доир ба масоили таърихӣ дар назар дорад. Баҳогузорӣ ба корҳои амалӣ дар асоси шохисҳои зерин татбиқ карда мешавад: мавриди истифода қарор додани донишҳо зимни иҷрои корҳои инфиродӣ ва мустақилона, эҷодӣ, фардият, муваффақшавӣ ба вазифаҳои гузошташуда ҳангоми иҷрои машқҳо, таҳлили натиҷаҳои гирифташуда.

5. Ба ҳайси шаклҳои назорат аз рӯйи азбар кардани маводи таърихӣ-кишваршиносӣ тавсия мегарданд: дарсҳои проблемавӣ (бо супоришоти инфиродӣ-гурӯҳӣ), анкетаронӣ, тестиронӣ, викторинаҳои саволу ҷавоб. Мақсади чунин шаклҳои назорат-фаъолгардонӣ, ба низом даровардани донишу маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда мебошад.

Баробари таҳлили ҳусну қубҳи диссертатсия метавон тавсия дод, ки маводи кори диссертатсиониро метавон ҳангоми омода намудани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои омӯзгорон бо дарназардошти самти ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ ва ҳисси баланди ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди истифода қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 14 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-то монография, дастурҳои таълимӣ, 6-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида, 4-то дар алоҳидагӣ ва 5-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия тибқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, таҳия ва ба тартиб дароварда шудааст.

Фишурдаи диссертатсия низ ба аслияти худ пурра мувофиқат мекунад ва он хулосаҳое, ки бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба таври мухтасар бозгӯи диссертатсия мебошанд.

Хулоса, он матлаб ва нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, дар диссертатсия ба таври пурра, батафсил инъикос ёфта, диссертатсия таҳқиқоти ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад.

1. Дар рисола теъдоди зиёди адабиётҳои илмӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда омӯхта ва таҳлил шудаанд, аммо аз нигоҳи мо таҳқиқотҳои олимони кишвар дар диссертатсия оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нисбатан камтар таҳлил гардидаанд.

2. Омилҳои асосие, ки дар ҷумҳурӣ боиси коҳиш ёфтани арзишҳои ватандӯстии хонандагон мегарданд, таҳлили пурраи худро наёфтаанд.

3. Дар диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имловӣ ва услубӣ мавҷуданд, ки ислоҳи онҳо ҳатмист.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба арзиши илмии диссертатсия ягон монеа эҷод намекунанд.

**ХУЛОСАИ НИҲОӢ:**

Диссертатсияи **Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин** дар мавзуи **“Масъалаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”, ки** барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳиқотӣ буда, мувофиқ ба талаботи банди 33 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, яъне аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шудааст.

Диссертатсияи **Саиднуриддинзода Аҳлиддин** ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**

Муовини директор оид ба тарбия
ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Аҳророва Г.У.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169. Тел.: +992 (3422) 6-03-21, E-mail: info@iet.tj

Имзои н.и.ф., дотсент Аҳророва Г.- ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Маҳмудов Ш.У.

14.08.2024.